# ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «19» 01 соли 2018 №05

Дар бораи тасдиқи Дастурамал «Оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» (марҳилаи якум)

Бо мақсади иҷрои талаботҳои Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декбари соли 2017, №92ф мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, №187 «Дар бораи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамал «Оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» (марҳилаи якум) тасдиқ карда шавад.

2. Дастурамали мазкур барои корбарӣ ба вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ то 26 январи соли 2018 ирсол карда шавад.

3. Сардорони сарраёсатҳо, раёсатҳо ва шуъбаҳои Дастгоҳи марказии вазорат дар ҳамкорӣ бо сохторҳои дахлдор таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 дар доираи дастурамали мазкур ба роҳ монанд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовинони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

Вазир Қаҳҳорзода Ф.

Тасдиқ карда шуд
Бо Фармоиши Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
№05 аз «19» январи 2018сол.

# ДАСТУРАМАЛ
**оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021**
**(Марҳилаи 1)**

ш. Душанбе 2018 сол.

Ихтисораҳо

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТАМБ – Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ

БМХД – Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ИМД – Идоракунии молияи давлатӣ

ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

ДҲММ – Доираи ҳудудии миёнамуҳлати макрофискалӣ

ММД –Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ

БМТ - Бонки миллии Тоҷикистон

ВРИС - Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВМ - Вазорати молия

МУНДАРИҶА

1. Муқаррароти умумӣ ........................................................................................5

2. Нақшаи тақвимии таҳияи нишондиҳандаҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 ...........................................................7

3. Сохтори лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати буҷету андоз барои солҳои 2019-2021 ..........................................................................................................10

4. Ташкили ҷараёни таҳияи марҳилаи стратегии банақшагирии буҷет аз рӯи соҳаҳо ............................................................................................................11

5. Ҳисоби буҷети заминавӣ аз рӯи соҳаҳо ..................................................12

6. Дархостҳо барои маблағгузории.............................................................14

7. Ҳисобҳо ва тақсимоти ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯи соҳаҳо .......15

8. Муҳокимаи буҷетӣ .......................................................................................16

Замимаи №1: Тамоюли рушди макроиқтисодӣ ва доираи (рамка) макрофискалӣ ...........................................................................................................17

Замимаи № 2. Дархости маблағгузории Стратегияи миёнамуҳлати харoҷoти соҳа........................................................................................................23

Замимаи №3: Ҳадди ниҳоии харoҷот ........................................................34

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали мазкур оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 - 2021 (минбаъд Дастурамал) мутобиқи моддаи 37 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри 2018, № 92 ф таҳия карда шудааст.

2. Мувофиқи моддаи 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷараёни таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ дар ду марҳила амалӣ карда мешавад.

Марҳилаи якум: Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати буҷету андозро барои давраи банақшагирии буҷет (дар асоси принсипҳо ва шакли барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ) таҳия намуда, барои баррасӣ ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Марҳилаи дуюм: таҳияи муфассали лоиҳаи буҷети давлатӣ мутобиқ ба самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию қарзӣ ва андозӣ, ки аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуда, дар асоси онҳо ҳадди ниҳоии хароҷот барои тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ (ТАМБ), ҳамаи сатҳҳо ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ муқаррар карда мешавад, дар бар мегирад ва таҳияи буҷети давлатӣ аз рӯи методи аз боло ба поён амалӣ карда мешавад.

3. Дастурамали мазкур тартиби амалӣ намудани марҳилаи якуми банақшагирии лоиҳаи буҷети давлатӣ, махсусан самтҳои асосии сиёсати буҷету андозро барои солҳои 2019 – 2021 муайян намуда, давраи аз 20 январ то 1 июни соли 2018-ро дар бар мегирад.

4. Лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати буҷету андоз барои давраи миёнамуҳлат дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин таҳия мегардад:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»
- Паём, амрҳо, фармоишҳо ва супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қарор ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурииии Тоҷикистон;
- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

- Барномаҳои рушди миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ;
- Дурнамои миёнамуҳлати рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
- Таҳлил, мониторинг ва баҳодиҳии иҷроиши буҷет.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳамоҳангсоз ҷиҳати таҳияи лоиҳаи Самтҳои асосии сиёсати буҷету андоз барои солҳои 2019-2021 амал намуда, дар муҳлатҳои муқарраргардида онро барои маъқул донистан ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

6. Таҳияи лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати буҷету андоз аз ҷониби Вазорати молия Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор, ки барои омода намудани дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, дурнамои қурби асъор ва дурнамои тағйирёбии тарофаҳо барои хизматрасонии субъектҳои монополияҳои табиӣ ухдадор мебошанд, амалӣ карда мешавад.

7. ТАМБ-ҳои соҳавӣ оиди таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои дахлдори буҷетӣ инҳо муайян шудаанд:

Ҷадвали №1. Номгӯи ТАМБ - ҳои соҳавӣ

| **ТАМБ-ҳои соҳавӣ** | **Соҳа** |
|---|---|
| Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 02. Мудофиа |
| Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | 04. Маориф |
| Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 05.Тандурустӣ |
| Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 06. Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ |
| Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон | 08. Фарҳанг ва варзиш |
| Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон | 09. Комплекси сӯзишворӣ ва энергетика |
| Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10. Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор |
| Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон | 11. Саноат ва сохтмон |
| Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 12. Нақлиёт ва коммуникатсия |

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки мақоми ТАМБ -ро доранд (ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ноҳияҳои тобеи марказ), дар раванди омода намудани лоиҳаи Буҷети давлатӣ дар ҳамкорӣ бо ТАМБ соҳавӣ мутобиқи рӯйхати чорабиниҳо ва муҳлатҳои иҷрои онҳо, ки аз рӯи Нақшаи

тақвимии ташаккули нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 муқаррар гардидаанд, иштирок мекунанд.

8. Мувофиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазоратҳои дар боло қайдгардида чорабиниҳои зеринро таъмин менамоянд:

- стратегияи миёнамуҳлати хароҷоти буҷети соҳаи дахлдорро таҳия ва ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд;

- дархости хароҷоти буҷетиро барои амалӣ намудани самтҳои нави афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи дахлдор ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд;

- тибқи тартиби муқаррарнамудаи Дастурамали мазкур буҷети заминавиро таҳия менамоянд;

- хароҷоти сармоягузории соҳаро ба нақша мегиранд.

9. Дар давраи банақшагирии буҷети солҳои 2019–2021 дар ҷараёни амаликунонии ислоҳот вазоратҳои таҷрибавӣ дар самти инҳо муқаррар шудаанд:

- Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 2. НАҚШАИ ТАҚВИМИИ ТАҲИЯИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2019-2021.

| | Чорабиниҳо | Мӯҳлати ниҳоӣ | Мақомоти давлатии масъул |
|---|---|---|---|
| 1. | Пешниҳоди Дастурамал оид ба ташаккули нишондиҳандаҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 (марҳилаи 1-ум) ва ҷадвали ташаккул додани лоиҳаи буҷет ба ТАМБ-и соҳавӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 26 январи соли 2018 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 2. | Тасдиқи Дастурамали соҳавӣ дар мувофиқа бо Вазорати молия | 12 феврали соли 2018 | ТАМБ соҳавӣ ва Вазорати молия Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3. | Пешниҳоди баҳогузории дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои солҳои 2019-2021 ба Вазорати молия (Замимаи 1) | 1 марти соли 2018 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 4. | Пешниҳоди лоиҳаи Нақшаи миёнамуҳлати сармоягузорӣ ба Вазорати молия (Замимаи 2, шакли 2,3-2,5) | 1 марти соли 2018 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 5. | Маълумот оид ба воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ (манбаъҳои андозбандӣ ва ғайраҳо) | 1 марти соли 2018 | Вазорат ва идораҳои дахлдор |
| 6. | Муайян ва пешниҳод намудани индекси тағйирёбии арзиш аз рӯи моддаҳои хароҷотии гурӯҳбандии иқтисодӣ ба ТАМБ соҳавӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (МИМҲД) | 1 апрели соли 2018 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 7. | Таҳия намудани буҷети заминавӣ, хароҷоти сармоягузориҳо ва пешниҳод намудани он ба ТАМБ соҳавӣ | 1 апрели соли 2018 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 8. | Муайян намудани ҳаҷми даромадҳои буҷети давлатӣ барои давраи миёнамуҳлат | 15 апрели соли 2018 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 9. | Пешниҳоди дархост ба Вазорати молия барои маблағгузории стратегияи миёнамуҳлати соҳа (Замимаи № 2) | 15 апрели соли 2018 | Вазоратҳои соҳавии пешбар |
| 10. | Муайян намудани ҳадди ниҳоии хароҷоти пешакӣ аз рӯи соҳаҳо ва ТАМБ | 4 майи соли 2018 | Вазоратҳои соҳавии пешбар |
| 11. | Ба Вазорати молия пешниҳод намудани тафсирҳо оид ба мавҷудияти масъалаҳои баҳснок тавассути рӯйхати замимаҳо барои афзалиятҳои нав | 7 майи соли 2017 | Вазоратҳои соҳавии пешбар |
| 12. | Муҳокимаи буҷетӣ оид ба ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯи соҳаҳо | 7-12 майи 2018 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ТАМБ |
| 13. | Пешниҳод намудани лоиҳаи «Самтҳои асосии сиёсати буҷету андоз барои солҳои 2019-2021» ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати ҶТ | 1 июни соли 2018 | Вазорати молия Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 14. | Тасдиқи Дастурамал оид ба таҳияи марҳилаи дуюми ҷараёни буҷет, ҷойгир намудани он дар сомонаи расмии вазорат ва расонидани он ба ТАМБ ва дигар иштирокчиёни ҷараёни буҷетӣ | то 1 июли соли 2018 | Вазорати молия Ҷумҳурии Тоҷикистон |

**10.** Дар марҳилаи аввали ҷараёни таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатӣ аз ҷониби Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ (ТАМБ) ҳуҷҷатҳои муқарраршуда бо шакли чопӣ ва дар шакли электронӣ, дар асоси истифодаи модули банақшагирии буҷетии системаи иттилоотии идоракунии молияи давлатии (ИМД) «SGB.net» бояд ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Модули банақшагирии буҷетии системаи иттилоотии ИМД «SGB.net» аз рӯи принсипи банақшагирии буҷет «аз боло ба поён» таҳия гардидааст ва риояи ҳуқуқ ва салоҳиятҳои иштирокчиёни омодасозии лоиҳаи буҷети давлатии ҷумҳуриро дар ҳамаи сатҳҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, таъмин месозад.

Ворид намудани маълумот ба модули банақшагирии буҷетии системаи иттилоотии ИМД «SGB.net.» аз рӯи нишондиҳандаҳои умумии лоиҳаи буҷети давлатӣ ва ҳадди ниҳоии буҷетии соҳаҳо ва моддаҳои ҷудогонаи гурӯҳбандии иқтисодӣ барои солҳои 2019-2021 аз ҷониби мутахассисони шуъбаи макроиқтисодӣ ва омори молиявии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Ворид намудани маълумоти сатҳи навбатӣ аз ҷониби сарпарастони шуъбаҳои соҳавии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, ки маълумотро дар бораи ҳадди ниҳоии буҷетӣ аз рӯи ТАМБ дахлдор ба системаи иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи ҳадди ниҳоии соҳаҳои барои онҳо ҷудошуда ворид менамоянд, ки онҳо низ дар навбати худ маълумоти лозимиро аз рӯи идораҳои худ ворид мекунанд.

Ворид намудани маълумот ба модули банақшагирии буҷетии системаи иттилоотии ИМД «SGB.net» аз ҷониби тамоми иштирокчиёни омодасозии лоиҳаи буҷети давлатӣ бояд мутобиқи муҳлатҳои муқаррарнамудаи Нақшаи тақвимии ташаккули буҷети давлатӣ барои соли 2018 ва нишондиҳандаҳои дурнамои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2019-2021 сурат гирад.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи иштирокчиёни раванди омодасозии лоиҳаи буҷет кӯмаки лозимии машваратиро оид ба кор бо модули банақшагирии буҷети системаи иттилоотии ИМД фароҳам меорад. Хизматрасонии мазкур аз ҷониби мушовирони ҶДММ «Инсод», ки бо ин мақсад ҷалбшудааст, анҷом дода мешавад.

**11.** Ҳангоми риоя накардани муҳлатҳо ва пешниҳод нагардидани дархостҳои буҷетӣ аз ҷониби вазорату идораҳои соҳавӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад мустақилона дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои солҳои 2019-2021 маълумоти вазорату идораҳои дахлдорро дар асоси ҳисоби онҳо ва нишондиҳандаҳои буҷети тасдиқшудаи соли 2018 барои ин ташкилот ворид намояд.

## 3. СОХТОРИ ЛОИҲАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ БУҶЕТУ АНДОЗ БАРОИ СОЛҲОИ 2019-2021

**12.** ***Сохтори лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати буҷету андоз :***

Тамоюли рушди макроиқтисодӣ ва доираи (рамка) макрофискалӣ

- Тағйирот дар сиёсати давлатии андоз;
- Касри буҷет[1];
- Дурнамои даромади буҷети давлатӣ (аз руи сатҳҳои низоми буҷетӣ) дар давраи миёнамуҳлат;
- Дурнамои хароҷоти буҷети давлатӣ аз рӯи барномаҳои (зербарномаҳои) буҷетӣ дар давраи миёнамуҳлат;
- Қарзи давлатӣ ва хароҷот барои хизматрасонӣ ва пардохти қарзи давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат, аз ҷумла уҳдадориҳои кафолатҳои давлатӣ. Намунаи (модели) устувории қарзи хориҷии беруна имкон медиҳад, ки ин нишондиҳандаҳо пешниҳод карда шаванд.

**Афзалиятҳои буҷетии Ҳукумат дар давраи миёнамуҳлат**

- Афзалиятҳои миёнамуҳлати буҷетӣ:
  - Тавсифи ҳолати ҷорӣ дар доираи соҳаҳои буҷетӣ;
  - Ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои Ҳукумат;
  - Барномаҳои буҷетӣ;
- Ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯи соҳаҳо ва ТАМБ (дар доираи барномаҳои буҷетӣ ва сатҳи низоми буҷетӣ).

13. ***Доираи ҳудудии миёнамуҳлати макрофискалӣ*** (ДҲММ) ҷадвали миқдориро дар бар мегирад, ки аз нуқтаи назари муносибати пайдарпаи воситаи барои таҳияи ҷанбаҳои гуногуни сиёсати иқтисодии давлат мебошад. ДҲММ барои омӯхтани оқибатҳои тадбирҳои гуногуни сиёсати молиявӣ дар бахшҳои дигари иқтисодиёт равона карда шудааст. Дар инҷо сиёсати молиявӣ на танҳо бо андозаи хароҷоти давлатӣ, балки бо интихоби усулҳои гуногуни маблағгузории ин хароҷот муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, ДҲММ фазои озодро (ва имконоти маблағгузории он) барои хароҷоти давлатӣ барои се соли оянда пешниҳод мекунад. Дар доираи меъёрҳои миёнамуҳлати макроиқтисодӣ таҳияи ҷадвали нишондиҳандаи миёнамуҳлати фискалӣ (ДҲММ) ташкил карда мешавад, ки нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти буҷетро инъикос менамояд. Барои маълумоти иловагӣ дар Замимаи №1. ***Сиёсати фискалии Ҳукумат***[2] оварда шудааст***:***

---

[1] Бояд қайд кард, ки дар БММ касри ҳамчун фарқи байни даромад ва хароҷот ҳисоб карда мешавад ва арзиши максад намебошад.

[2] Дар чаҳорчӯбаи тасвияти сиёсати фискалии Ҳукумат таҳияи қисми хароҷоти Буҷети давлатӣ дар асоси гурӯҳбандии функсионалӣ сурат мегирад.

14. Дурнамои даромади буҷети далатӣ

Дурнамои даромади буҷет тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодексҳои андоз ва гумрук, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва дигар санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастури методӣ оид ба пешгӯии воридоти даромадҳои давлатӣ, ки аз ҷониби Вазорати молия тасдиқ шудааст, амалӣ мешавад. Дурнамои даромади буҷет байни сатҳҳои низоми буҷетӣ тавассути лоиҳаи тақсимоти воридоти андоз байни сатҳҳои низоми буҷетӣ амалӣ карда мешавад.

Дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат, якҷоя бо фарзияҳои дар асосаш мавҷудбуда, шарҳи фарқияти асосии онро аз дурнамои лоиҳаи буҷети соли 2018, инчунин арзёбии таъсири андозаи ҳамаи тағйироти пешниҳодшуда дар сиёсати даромад ва хароҷотро шарҳ медиҳад.

15. Хароҷоти соҳаҳо (бахшҳо)

Дар асоси ДҲММ муайян карда мешаванд.

Мавриди банақшагирии хароҷоти буҷетӣ аз руи соҳаҳо ба инобат гирифта мешаванд:

- Нишондиҳандаҳои ҳисобии бучети заминавӣ;
- Афзалиятҳои соҳавӣ, ки дар доираи стратегия ва барномаҳои милливу соҳавии татбиқшаванда муайян карда шудаанд;
- Самтҳои нави сиёсат дар соҳа;

16. Маълумот дар бораи тақсимоти соҳавии хароҷоти буҷет дар Лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати буҷету андоз бо шарҳи сиёсати буҷетӣ аз руи соҳаҳо пурра карда мешавад. (Замимаи № 2)

17. Ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯи соҳаҳо, ки аз ҷониби Вазорати молия тасдиқ шудааст ва бо Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди тасдиқи он дар муддати 7 рӯз дар сомонаи Вазорати молия ҷойгир карда мешавад.

## 4. ТАШКИЛИ ҶАРАЁНИ ТАҲИЯИ МАРҲИЛАИ СТРАТЕГИИ БАНАҚШАГИРИИ БУҶЕТ АЗ РӮИ СОҲАҲО

18. Вазоратҳои соҳавӣ ТАМБ дархост барои маблағгузории Стратегияи миёнамуҳлати хароҷоти соҳа (дархости БМХД) таҳия менамояд.

19. Намунаҳои омодагии барномаи БМХД дар сохтори зерин таҳия карда мешаванд: (Замимаи 2) пешниҳод шудааст.

**Замимаи 2. Шакли дархост барои маблағгузории стратегияи хароҷоти миёнамуҳлат**




20. ТАМБ-ҳои соҳавӣ бо мақсади амалӣ намудани марҳилаи стратегии банақшагирии буҷет Гурӯҳҳои кории байниидоравии соҳавиро таъсис медиҳанд.

21. Ба ҳайати Гурӯҳҳои корӣ намояндагони мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки барномаҳои буҷетиро дар доираи маблағгузории соҳаи дахлдор амалӣ менамоянд, шомил карда мешаванд.

22. ТАМБ-ҳои соҳавӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо ва таҳияи барномаҳои соҳавии БМХД омодаи Дастурамалҳои буҷети соҳавӣ мебошанд.

23. Дастурамалҳои буҷетии соҳавӣ аз ҷониби Вазоратҳои дахлдор дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлатҳои муқарраргардида тасдиқ мегарданд.

24. Дастурамалҳои соҳавии тасдиқгардида дар сомонаҳои расмии вазоратҳои дахлдор ҷойгир карда мешаванд.

25. Иҷрои талаботи дастурамалҳои соҳавӣ барои ҳамаи мақомоти давлатӣ ва муассисаю ташкилотҳои буҷетии соҳаҳо ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ҳатмӣ мебошад.

26. Дастурамалҳои соҳавӣ чараёни иҷроиши вазифаҳоро дар рафти марҳилаи якуми чараёни буҷетӣ аз рӯи соҳаи дахлдор, аз ҷумла чорабиниҳои мушаххас, иҷрокунандаҳои мутасаддӣ ва муҳлати иҷроиши онҳоро муайян менамояд.

## 5. ҲИСОБИ БУҶЕТИ ЗАМИНАВӢ АЗ РӮИ СОҲАҲО

27. Буҷети заминавӣ танҳо хароҷотеро дар бар мегирад, ки барои амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар доираи қонунгузории амалкунанда ва бо риояи талаботе, ки барои фаъолияти муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ дар айни замон муайян гардидаанд.

28. Буҷети заминавӣ аз хароҷоти буҷетие, ки сиёсати ҷориро инъикос менамоянд ва пардохтҳои ҳатмие, ки аз солҳои гузашта бармеоянд, иборат

мебошад. Уҳдадориҳо метавонанд ду намуд шаванд: (1) уҳдадориҳои қонунӣ – дар қонунгузорӣ пешбинишуда ва (2) уҳдадориҳое, ки дар ҳолати ба имзо расонидани шартномаҳои зиёда аз як соли молиявиро фарогиранда, ба вуҷуд омадаанд.

29. Буҷети заминавӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, хароҷоти заминавии ҷорӣ ва асосиро аз рӯи соҳаҳо дар бар мегирад.

30. Вазоратҳои соҳавӣ баҳодиҳии хароҷоти ҷории заминавии соҳаи дахлдор, аз ҷумла хароҷоти ҷамбастии буҷети маҳаллиро амалӣ намуда, дар мухлатҳои муқарраргардида ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

31. Ҷараёни таҳияи буҷети заминавӣ аз рӯи соҳаҳо чорабиниҳои зеринро дарбар мегирад:

- таҳлили сиёсати соҳавӣ;
- маълумот оид ба ҳамаи намуди фаъолияти соҳа аз рӯи тақсимот ба барномаҳо ва зербарномаҳо;
- маълумот оид ба нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои иҷрои барномаҳо барои ҳар як самти фаъолият;
- баҳодиҳии сатҳи заминавии хароҷот аз рӯи барномаҳо ва зербарномаҳо.

32. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии хароҷоти заминавии сармоягузориро амалӣ менамояд. Дар ҳисоби буҷети заминавӣ лоиҳаҳои амалкунандаи сармоягузорӣ ва иншоотҳои сармоягузории давлатӣ, ки нисбати онҳо уҳдадориҳои ҳуқуқӣ вуҷуд доранд (шартнома), дохил карда мешаванд.

33. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати муқарраргардида хароҷоти заминавии сармоягузориро аз рӯи ҳар як соҳа ба вазоратҳои соҳавӣ пешниҳод менамояд.

34. Вазоратҳои соҳавӣ дар асоси маълумоти пешниҳодгардида, хароҷоти ҷории дарпешистодаро барои иншоотҳо, ки ба истифода додани онҳо дар давраи миёнамуҳлат ба нақша гирифта шудааст, баҳогузорӣ менамоянд.

35. Ҳисоби хароҷоти заминавии буҷети маҳаллӣ аз рӯи соҳаҳо дар якҷоягӣ бо вазоратҳои соҳавӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи талаботи дастурамалҳои соҳавӣ ба роҳ монда мешавад.

36. Тартиби ҳисоб, шаклҳо ва талаботҳои асосӣ барои ҳисоби хароҷоти заминавӣ дар Замимаи №2 оварда шудааст.

1.Принсипҳои умумии муайянкунии хароҷоти заминавӣ:

- таҳияи ҳисобҳо дар асоси соли ҷорӣ, ки ҳамчун «соли заминавӣ», бо дарназардошти тағйироти дар ҳолатҳои зарурӣ воридгардида гирифта мешавад, ё «замина»-и ҳисобҳо дурнамои охирини нишондиҳандаҳои буҷетӣ (барои соли оянда) ба инобат гирифта мешавад;

с) баҳисобгирии ҳамаи лоиҳаҳои сармоягузории мавҷудбуда, ки дорои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ мебошанд;

д) муайян намудани алоқамандии хароҷоти асосӣ (сармоягузориҳо) бо хароҷоти ҷорӣ.

## 6. ДАРХОСТҲО БАРОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ АФЗАЛИЯТҲОИ НАВ.

37. Дархостҳо барои маблағгузории афзалиятҳои нав дар ҳолати мавҷуд будани ҳаҷми маблағҳои кофие, ки мумкин аст, барои маблағгузории чорабиниҳои нав ва татбиқшавандаи сиёсати давлатӣ равона гарданд, таҳия мегарданд.

38. Дархостҳо барои маблағгузории афзалиятҳои нав пешниҳоди маълумоти пурраю мушаххасро оид ба чорабиниҳои банақшагирифташудаи соҳа дар давраи миёнамуҳлат, ки дар давраи ҳозира маблағгузорӣ карда намешаванд ё қисман маблағгузорӣ мегарданд, пешбинӣ менамоянд.

39. Дархост метавонад чорабиниҳои нав ё ин ки васеъ намудани доираи фаъолияти амалишавандаро дар бар гирад.

40. ТАМБ соҳавӣ на зиёда аз 3 дархости калидии самтҳои буҷетро барои давраи миёнамуҳлат (2019-2021) ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати муқарраргардида пешниҳод менамоянд;

41. Руйхати самтҳои нави пешниҳодгардида аз рӯи сатҳи афзалиятнокиашон тартиб дода мешавад.

42. Талаботи асосӣ барои пешниҳоди дархостҳо:

- мувофиқат бо афзалиятҳои калидии миллӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои стратегии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида муайян шудаанд (Паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегия ва барномаҳои миллӣ ва соҳавии қабулшуда);

- Пешниҳодҳо барои афзалиятҳои буҷетӣ бояд аз нуқтаи назари молиявӣ устувор бошад ва ба захираҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ мувофиқ бошад. Дар натиҷа ҳаҷми ҳар як дархости самти нави маблағгузорӣ дар ҳаҷми на зиёда аз 5% ҳаҷми хароҷоти соҳа барои соли ҷорӣ маҳдуд карда мешавад. Ҳаҷми умумии ҳамаи дархостҳои самтҳои нав дар соли

молиявии дахлдори давраи миёнамуҳлат на бояд аз 15% ҳаҷми буҷети соҳа барои соли ҷорӣ зиёд бошад;

43. Барномаҳои афзалиятҳои буҷетии вазоратҳо, ки ба меъёрҳои боло ҷавобгӯ нестанд, ҳамчун ғайриқобили қабул эътироф карда мешаванд ва минбаъд баррасӣ намешаванд.

44. Ҳангоми баррасии дархост Комиссияи байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи имкониятҳои молиявии буҷетӣ, ҷиҳати маблағгузории самтҳои нав ба инобат мегирад.

45. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дархостҳои интихобгардидаро ба ТАМБ - ҳои соҳавӣ дар муҳлати муқарраргардида пешниҳод менамояд.

46. ТАМБ - ҳои соҳавӣ оиди мавҷуд будани масъалаҳои ҳалталаб аз рӯи дархостҳои пешниҳодгардида, дар муҳлати муқарраргардида ба Вазорати молия хулоса ирсол менамоянд, ки онҳо дар муҳокимаи буҷетӣ баррасӣ мегарданд.

47. Комиссияи байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешниҳоди минбаъдаи номгӯи дархостҳои маъқулдонисташуда ба баррасии Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори дахдор қабул менамояд.

48. Масъалаҳое, ки ҳалли худро дар сатҳи Комиссияи байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон наёфтанд ба рӯзномаи ҷаласаи Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баррасии минбаъда ва қабули қарор ворид карда мешаванд.

49. Номгӯи ниҳоии дархостҳо бо қарори Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

50. Тартиби ҳисоб, шакл ва талаботи асосӣ оиди таҳияи дархостҳо барои самтҳои нав дар Замимаи №2 оварда шудааст.

## 7. ҲИСОБҲО ВА ТАҚСИМОТИ ҲАДДИ НИҲОИИ ХАРОҶОТ АЗ РӮИ СОҲАҲО

51. Тақсимоти хароҷоти буҷетӣ ба соҳаҳо ва муайянкунии ҳадди ниҳоии хароҷот алоқаи байни марҳилаи якуми таҳияи буҷет ва марҳилаи дуюм, яъне таҳияи лоиҳаҳи буҷети солонаро муайян менамояд.

52. Дар Лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати буҷету андоз хароҷот ба таври зайл нишон дода мешавад:

- Нақшаҳои хароҷоти соҳавӣ (ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳа ва ТАМБ) аз рӯи барномаҳо/зерсоҳаҳо;
- тақсимоти маҷмӯи хароҷот аз рӯи категорияҳои асосии иқтисодӣ;
- тақсимоти буҷети давлатӣ аз рӯи буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ки бо хароҷоти соҳа инъикос меёбад;

- тақсими буҷети барномавӣ дар гурӯҳбандии маъмурӣ ва идоравӣ (барои соҳаҳои пилотӣ).

53. Ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷет дар асоси дурнамои макрофискалӣ ва дурнамои даромадҳои давлатӣ дурнамои лоиҳаҳои имконпазири банақшагирифташуда, инчунин нишондиҳандаҳои буҷети заминавӣ таҳия карда мешавад.

54. Ҳадди ниҳоии хароҷоти аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда, бояд ниҳоӣ дониста шуда, ҳаҷми умумии захираҳои равонгардида барои ҳар як соҳаро муқаррар менамояд.

55. Ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯи соҳаҳо, ки аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, аз ҷониби ТАМБ тақсим карда мешавад ва дар мӯҳлати муқарраргардидаи ҷадвали буҷетӣ пешниҳод карда мешавад.

## 8. МУҲОКИМАИ БУҶЕТӢ

56. Дар оғози раванди буҷетӣ дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи кории буҷетӣ таъсис дода мешавад, ки онро муовини якуми Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ менамояд.

57. Ҳайати Гурӯҳи кории буҷетӣ дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати муовинони вазири вазоратҳои соҳавӣ, ки масъалаҳои банақшагирӣ ва буҷетикунониро сарпарастӣ менамоянд, таъсис дода мешавад.

58. Дар ҷараёни марҳилаи якуми таҳияи лоиҳаи буҷет дар муҳлатҳои муқарраргардида Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокимаи буҷетиро оид ба баррасии дархостҳои Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ (БМХД) ташкил менамояд.

59. Дар ҷараёни муҳокимаи буҷетӣ, соҳаҳои БМХД ба Гурӯҳи кории буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро пешниҳод менамояд:

- Буҷети заминавӣ аз рӯи соҳаҳо;
- Пешниҳодҳо оид ба афзалиятҳои нав (бо дарназардошти лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ);

60. Қарори гурӯҳи кории буҷетӣ оид ба дархостҳо барои маблағгузории афзалиятҳои нав дар сутуни мувофиқаи ҷадвалҳои ҷамъбастӣ (Шакли 2.6) инъикос гардида, бо Протоколи ҷаласаи Гурӯҳи кории буҷетӣ қайд карда мешавад.

61. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаро ба Гурӯҳи кории байниидоравии буҷетӣ пешниҳод менамояд.

62. Ҳадди ниҳоии хароҷоти пешакӣ, аз ҷумла номгӯи дархостҳои интихобшудаи самтҳои нав ба ТАМБ дар муҳлати муқарраргардида пешниҳод карда мешаванд.

63. Дар муҳлати муқарраргардида ТАМБ соҳавӣ номгӯи масъалаҳои ҳалталабро ба Вазорати молия барои баррасии минбаъда дар муҳокимаи буҷетӣ пешниҳод менамоянд.

64. ТАМБ соҳавиро дар муҳокимаи буҷетӣ Муовинони вазир ё сардори сохтори дахлдор муаррифӣ менамоянд.

## Замимаи №1: Тамоюли рушди макроиқтисодӣ ва доираи (рамка) макрофискалӣ

Сохтори ДҲММ

| **Ҷадвали 1: ДҲММ - Ҳисобҳои бахши давлатӣ** | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **(Тоҷикистон, бо млн. сомонӣ)** | | | | | | | | | |
| | | | **иҷроиш** | | | **дурнамо** | | | |
| | | ***Пайвас-шавӣ***[3] | **2001** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| **1.1** | **Даромади умумӣ ва грантҳо** | | | | | | | | |
| 1.2 | Андозҳои мустақим | 4.9 | | | | | | | |
| 1.3 | Андозҳои ғайримустақим | 5.10 | | | | | | | |
| 1.4 | Дигар андозҳо | 4.9 | | | | | | | |
| 1.5 | Воридоти ғайриандозӣ | 4.10 | | | | | | | |
| 1.6 | Грантҳои расмӣ | 3.9 | | | | | | | |
| **1.7** | **Хароҷоти умумӣ (гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ)** | | | | | | | | |
| 1.8 | Хароҷоти ҷорӣ | | | | | | | | |
| 1.9 | Молу хизматрасониҳо | 5.2 | | | | | | | |
| 1.10 | Музди меҳнат | | | | | | | | |
| 1.11 | Хароҷоти амалиётӣ | | | | | | | | |
| 1.12 | Пардохтҳои фоизӣ | | | | | | | | |
| 1.13 | Пардохтҳои фоизии дохилӣ | | | | | | | | |
| 1.14 | Пардохтҳои фоизии хориҷӣ | 3.8 | | | | | | | |
| 1.15 | Трансфертҳо ба бахши хусусӣ | 4.4 | | | | | | | |
| 1.16 | Субсидияҳо | 5.11 | | | | | | | |
| 1.17 | Хароҷоти асосӣ | 5.4 | | | | | | | |
| 1.18 | Сармоягузории давлатӣ ва қарздиҳии соф | | | | | | | | |
| **1.19** | **Тавозуни умумӣ** | | | | | | | | |
| **1.20** | **Маблағгузорӣ** | | | | | | | | |
| 1.21 | Хусусигардонӣ | | | | | | | | |
| 1.22 | Қарзи дохилии соф | 2.15 | | | | | | | |
| 1.23 | Қарзи берунии соф | 3.15 | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| **Гурӯҳбандии вазифавии буҷетӣ** | | | | | | | | | |
| | | | **иҷроиш** | | | **дурнамо** | | | |
| | | | **2001** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| | Хароҷоти умумӣ [4] | | | | | | | | |

[3] Сутуни мазкур алоқаи мутақобилаи байни бахшҳоро шарҳ медиҳад. Масалан, 4.9 дар сатри 1.2 маънои онро дорад, ки ин сатр бо сатри 4.9 алоқа дорад ва баръакс.

[4] Хароҷоти умумӣ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодии буҷет бояд ба хароҷоти умумии гурӯҳбандии вазифавии буҷет баробар бошад.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ | | | | | | | | |
| 2 | Мудофиа | | | | | | | | |
| 3 | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ | | | | | | | | |
| 4 | Маориф | | | | | | | | |
| 5 | Тандурустӣ | | | | | | | | |
| 6 | Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | | | | | | | | |
| 7 | Хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал | | | | | | | | |
| 8 | Фарҳанг ва варзиш | | | | | | | | |
| 9 | Комплекси сӯзишворию энергетикӣ | | | | | | | | |
| 10 | Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор | | | | | | | | |
| 11 | Саноат ва сохтмон | | | | | | | | |
| 12 | Нақлиёт ва коммуникатсия | | | | | | | | |
| 13 | Фаъолияти дигари иқтисодӣ ва хизматрасониҳо | | | | | | | | |
| 14 | Хароҷоти дигар | | | | | | | | |

**Ҷадвали 2: ДҲММ – Ҳисобҳои пулӣ**

**(Тоҷикистон, бо млн. сомонӣ)**

| | | | иҷроиш | | | дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | **2001** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| 2.1 | **Дороиҳои хориҷии холис** | | | | | | | | |
| 2.2 | Захираҳои расмӣ | | | | | | | | |
| 2.3 | Дигар ухдадориҳои хориҷӣ, соф | | | | | | | | |
| 2.4 | **Дороиҳои дохилӣ** | | | | | | | | |
| 2.5 | Қарзҳо ба бахши давлатӣ, соф | | | | | | | | |
| 2.6 | Қарзҳо барои бахши хусусӣ | | | | | | | | |
| 2.7 | **Пул (М2)** | | | | | | | | |
| 2.8 | Пули нақд дар муомилот | | | | | | | | |
| 2.9 | Депозитҳо ва амонатҳои дархостӣ | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| 2.10 | **Пойгоҳи пулӣ** | | | | | | | | |

**(Ҳисобҳои пулӣ – тағйирёбӣ, бо миллион сомонӣ)**

| | | | иҷроиш | | | дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ***Пайвас-шавӣ*** | **2001** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| **2.11** | **Дороиҳои хориҷии холис** | | | | | | | | |
| 2.12 | Захираҳои расмӣ | | | | | | | | |
| 2.13 | Дигар ӯхдадориҳои хориҷӣ, соф | | | | | | | | |
| **2.14** | **Дороиҳои дохилӣ** | | | | | | | | |
| 2.15 | Қарзҳо ба бахши давлатӣ, соф | 1.22 | | | | | | | |
| 2.16 | Қарзҳо барои бахши хусусӣ | | | | | | | | |
| **2.17** | **Пул (М2)** | | | | | | | | |
| 2.18 | Пули нақд дар муомилот | 4.15 | | | | | | | |
| 2.19 | Депозитҳо ва амонатҳои дархостӣ | 4.14 | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| 2.20 | **Пойгоҳи пулӣ** | | | | | | | | |

**Ҷадвали 3: ДҲММ - Ҳисобҳои бахши хориҷӣ**

**(Тоҷикистон, бо млн сомонӣ)**

| | | | иҷроиш | | | дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ***Пайвас-шавӣ*** | **2001** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| 3.1 | **Тавозуни ҳисобҳои ҷорӣ** | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3.2 | | | | | | | | | |
| 3.3 | **Тавозуни савдо** | | | | | | | | |
| 3.4 | Содироти мол ва хизматрасонӣ | 5.6 | | | | | | | |
| 3.5 | Воридоти мол ва хизматрасонӣ | 5.7 | | | | | | | |
| 3.6 | **Тавозуни даромад ва интиқолҳо (трансфертҳо)** | | | | | | | | |
| 3.7 | Даромади омилии хусусӣ | 4.7 | | | | | | | |
| 3.8 | Пардохти давлатӣ аз рӯи фоизҳо | 1.14 | | | | | | | |
| 3.9 | Грантҳо | 1.6 | | | | | | | |
| 3.10 | Тавозун оид ба трансфертҳо (соф) | 4.6 | | | | | | | |
| 3.11 | **Ҳисобҳои молиявӣ ва сармоягузорӣ** | | | | | | | | |
| 3.12 | Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ | 4.19 | | | | | | | |
| 3.13 | Дигар манбаъҳои маблағгузории хусусии берунӣ | 4.21 | | | | | | | |
| 3.14 | Маблағгузории берунаи бонкӣ | | | | | | | | |
| 3.15 | Маблағгузории давлатии беруна | 1.23 | | | | | | | |
| 3.16 | **Тавозуни ҷамъбастӣ** | | | | | | | | |
| 3.17 | **Тағйирёбӣ дар захираҳо ( - = афзоиш)** | | | | | | | | |

**Ҷадвали 4: ДҲММ - Ҳисобҳои бахши хусусӣ**

**(Тоҷикистон, бо млн сомонӣ)**

| | | | факт | | | прогноз | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ***Пайвас-шавӣ*** | **2001** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| 4.1 | **Даромади дарихтиёрбуда (Располагаемый)** | | | | | | | | |
| 4.2 | **Даромад** | | | | | | | | |
